**Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-018-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734035, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6 D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат)

Ташаккулу рушди давлати ҳуқуқбунёд, таъсиси ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шарафу эътибори инсонро ҳамчун вазифаи муҳимми ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ менамояд, ки ин вазифа ба кулли фаъолияти шохаҳои ҳокимият инъикос меёбад. Дар фазои давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тақсимоти ҳокимияти давлатӣ ба шохаҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ ва марказӣ дар гузарониданиислоҳоти ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад. Дар ин замина, ҳокимияти судӣ на танҳо ҳамчун як унсури низоми идоракунии давлатӣ, балки ҳамчун кафили адолат, баробарӣ ва ҳуқуқбунёдӣ эътироф мешавад. Масъалаи такмили низоми судӣ яке аз омили муҳимми таъмини волоияти қонун ва устувории сиёсиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, тамоюли асосии рушди мақомоти судӣ, ҷустуҷӯи воситаҳои беҳтарини гузаронидани ислоҳоти судӣ бо баҳисобгирии паҳлуҳои нави ошкоргардидаи мусбати ислоҳотҳои гузаронидашуда дар Тоҷикистон аҳамияти хоси илмиро барои мавзуи интихобгардида касб мекунад.

Мубрамияти тадқиқи илмии мавзуи мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки замони муосир бо ривоҷи соҳаи соҳибкорӣ пеш рафта, аксарияти кишварҳои ҷаҳон таваҷҷуҳи хоссаро баҳри боз ҳам ривоҷу равнақ ёфтани он равона карда истодаанд. Дар шароити муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ муносибатҳои иқтисодӣ дигаргун гардида, фаъолияти соҳибкорӣ ва муносибатҳои

бозоргонӣ омили асосии таъмини шароити зиндагии шоистаи ҳар як аъзои ҷомеа гардидаанд.

Зокирзода Нодира Иномҷон рисолаи илмии худро бо тарзи низомнок ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ анҷом дода, ҷанбаҳои назариявӣ ва меъёрии рушди судҳои иқтисодӣ, механизми амалисозии фаъолияти онҳо ва таҷрибаи кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро васеъ истифода бурдааст. Зимни таҳия намудани рисолаи илмӣ усулҳои мухталифи таҳқиқотӣ истифода шудаанд. Ҳар як таҳқиқотҳои илмӣ аз ҷиҳати методҳои назариявӣ ва амалӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Дар рисолаи илмӣ истифодаи методҳои мазкур, пеш аз ҳама, аз лаҳзаҳои таърихи ташаккул то замони рушди марҳилаҳои он вобаста ба қонунгузориҳои муосир мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Методҳои амалӣ бошанд, аз рафти таҷрибаи амалӣ ва фаъолияти низоми судӣ баҳогузорӣ карда шуда, истифодаи онҳо имкон медиҳанд, ки хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ дар самти ҳокимияти судӣ, хусусан судҳои иқтисодӣ таҳия карда шаванд.

Ҳамчунин, дар диссертатсия роҳҳои беҳтар намудани фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои аъзои ИДМ пешниҳод шудаанд, ки ин қисмат барои такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти судӣ аҳамияти амалӣ дорад. Дар маҷмуъ, диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ пурра мавриди таҳлил қарор гирифта, маълумоти назариявӣ бо таҷрибаи амалии давлатҳои аъзои ИДМ ҳамоҳанг карда шудааст ва барои рушди илми ҳуқуқ ва такмили судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон арзишманд мебошад.

Рисолаи илмии Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» аввалин таҳқиқоти ҳамаҷониба вобаста ба рушди низоми судии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад, ки дар доираи барномаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ» омода ва иҷро гардидааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият таҳқиқоти комплексӣ ва ҳаматарафа, ки ба масоили умумии назариявии рушди судҳои иқтисодӣ ва муқоисаи онҳо бо таҷрибаи кишварҳои ИДМ бахшида шуда бошад, гузаронида нашудааст. Бо дарназардошти ин, диссертатия оид ба мавзуи «Рушди судҳои иктисодӣ дар Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» аҳамияти махсус пайдо мекунад, зеро он ба яке аз мавзуъҳои камтаҳқикгардида дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик, яъне омӯзиши таҳаввулоти низоми судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва муқоисаи он бо таҷрибаи кишварҳои ИДМ, бахшида шудааст. Ин таҳқиқот заминаи назариявӣ ва амалӣ барои такмили низоми судии иқтисодӣ ва татбиқи таҷрибаи байналмилалӣ дар шароити муосири иқтисодии кишвар фароҳам меорад.

Бояд таъкид кард, ки Зокирзода Нодира Иномҷон дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи осори олимони ватаниву хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, ки дар марҳилаи кунунӣ рушди судҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар заминаи ҳамкории мутақобила ва таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи дохилидавлатӣ амалӣ мегардад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар мундариҷаи он мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда ба талаботи воқеии ҷомеа ва давлат дар шароити гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ ва ташаккули низоми муосири ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Ҳамзамон муҳтавои умумии таҳқиқот, муҳимияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқшавии назариявии амалии мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекту предмет, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалӣ ва назариявӣ, усулҳои таҳқикотӣ ва сохтори рисола ба таври муфассал шарҳ дода шудааст.

Боби якум «Тавсифи умумии ташаккул ва инкишофи судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон» ном дошта, се зербобро дарбар гирифта, дар он равандҳои таърихии ташаккули низоми судҳои иқтисодӣ, заминаҳои ҳуқуқии таъсиси

онҳо, марҳилаҳои асосии инкишофи фаъолияти судии иқтисодӣ, инчунин нақши онҳо дар рушди муносибатҳои бозорӣ ва таъмини адолати судӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Боби дуюми таҳқиқоти илмӣ «Судҳои иқтисодӣ дар давлатҳои аъзои ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» ном дошта, дар он тарзи ташкил, сохтор, салоҳият ва таҷрибаи фаъолияти суди иқтисодии ИДМ ва судҳои иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ мавриди муқоиса ва таҳлил қарор дода шудаанд.

Боби сеюми рисолаи диссертатсионӣ «Нақши судҳои иқтисодии Тоҷикистон дар таъмини ҳуқуқи инсон» ном дошта, дар он таҳлили муфассали нақши судҳои иқтисодӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, махсусан дар заминаи озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, муносибатҳои моливу иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бахшида шудааст. Ҳамзамон, бо истифода аз таҷрибаи судӣ ва таҳлили санадҳои судӣ механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои иқтисодии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, самаранокии фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар таъмини дастрасӣ ба адолати судӣ, риояи принсипҳои баробарии тарафҳо, қонуният ва адолат баррасӣ гардида, мушкилоти мавҷуда ва роҳҳои такмили минбаъдаи фаъолияти судҳои иқтисодӣ муайян карда шудаанд.

Дар хулоса докторант чунин қайд намудааст, ки рушди судҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бояд дар заминаи такмили қонунгузорӣ, таҳкими мустақилияти судӣ, мутобиқсозии меъёрҳои миллӣ ба стандартҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва истифодаи таҷрибаи пешқадами судии кишварҳои ИДМ амалӣ гардад, ки ин дар маҷмуъ ба баланд бардоштани самаранокии ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои хоҷагидорӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, гуфтаҳои овардашуда мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро собит намуда, муҳиммияти фаъолияти судҳои иқтисодиро дар низоми судӣ нишон дода, мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтани онро арзёбӣ менамоянд. Таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҳокимияти судӣ, аз қабили судҳои иқтисодӣ ҳамчун яке аз институтҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд имкон

медиҳад, ки вазъ ва дурнамои рушди он ба таври амиқ дарк гардида, барои такмили сифати адолати судӣ ва таҳкими устувории фаъолияти судҳо тавсияи илмӣ-амалӣ шаванд. Мубрамии мавзуъ бо дарназардошти таҳқиқи муқоисавӣ-ҳуқуқии ташаккулу инкишофи судҳои иқтисодии давлатҳои ИДМ, таҳлили таҷрибаи ин давлатҳо барои такмили таҷрибаи судии иқтисодӣ дар Тоҷикистон, истифодаи таҷрибаи давлатҳои ИДМ, муайян намудани хусусиятҳо, тафовут ва умумияти ин таҷриба дар ИДМ муҳим аст.

Хулосаҳои назариязӣ, тавсияҳо ва пешниҳодҳои амалии диссертатсияро дар фаъолияти судҳои иқтисодӣ ҷиҳати боз ҳам такмил додани самти қонунгузории судӣ, ки метавонанд ба такмили шаклу методҳои фаъолияти судҳои иқтисодӣ мусоидат намоянд, истифода бурдан мумкин аст. Дар маҷмуъ, муқаррарот ва хулосаҳои назариявии дар он овардашуда ба тамоми талаботҳои рисолаҳои доктори илмҳои фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ҷавобгӯ буда, онро метавон ба ҳимоя пешниҳод кард ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ: **Мирализода И.Қ.**

**Имзои Мирализода И.Қ-ро тасдиқ мекунам,**
**Сардори Раёсати кадрҳои**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон:** **Шодихонзода Э.Ш.**
**«__2__» ____02____ 2026.**

**Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Тел: 221-77-11**